**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D. КОА. - 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи “Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ.**

“29” 06 соли 2023 ш. Душанбе

Диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна ба таҳқиқи лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон бахшида шудааст. Лаҳҷаи тоҷикии Вахон забони тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳи он, ки дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон паҳн гаштаанд, бозгӯйи вазъи таърихии бархӯрди забону лаҳҷаҳои қадимии бохтариву сакоӣ бо гӯйишҳои форсӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр мебошанд. Воқеан, ин забону лаҳҷаҳо, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ пайваста дар роҳи рушд қарор доштанд, дар омезиш бо гуфтори форсӣ ташаккулу таҳаввули лаҳҷаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикиро таъмин намуданд. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи таркиби луғавии ин лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ яке аз вазифаҳои муҳимми забоншиносони тоҷик маҳсуб мешавад.

Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон, ки яке аз захираҳои боэътимоди луғавии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ғановати таърихии таркиби луғавии забонро нигаҳ дошта, ҳамзамон вобаста ба муҳити амалкарди ин лаҳҷа ба тағйиру таҳаввул дучор гардидааст. Инчунин, дар лаҳҷаи мазкур диалектизмҳои зиёде корбаст шуданд, ки фарогири анъана, урфу одат ва расму оинҳои мардумӣ маҳсуб мешаванд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии таркиби луғавии лаҳҷаи мавриди назар муҳимму арзишманд ва саривақтӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, барои муайян ва равшан намудани рушди таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар муқоиса бо лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон зарур буда, дар асоси маълумоти боэътимод раванди таҳаввули таърихии забони тоҷикӣ ва шеваю гӯйишҳои онро дар муқоиса ба ҳолати имрӯзаи он муайян кардан мумкин аст. Дар таҳқиқоти мазкур на танҳо низоми луғавии ин лаҳҷа забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои умумии ташаккули он, балки ба сохтори қисмҳои алоҳидаи он, ҳамчунин таснифи гурӯҳҳои луғавӣ ва маъноӣ диққат дода шудааст. Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили вижагиҳои забонии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон имконият фароҳам меояд, ки ҷанбаҳои мавзуӣ,

семантикӣ, баромади вожа ва таркибҳо муайян карда шуда, раванди ғанӣ гардондани таркиби луғавии шеваҳои забони тоҷикӣ ошкор карда шавад.

Диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна бори нахуст дар диалектологияи тоҷик вижагиҳои луғавию семантикии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахонро ба таври амиқу густарда мавриди таҳқиқоти монографӣ қарор медиҳад. Дар ин рисолааш муҳаққиқ вижагиҳои луғавию семантикии лаҳҷаи мазкурро, ки басо мубрам ва муҳим маҳсуб мешавад, мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар баррасии вижагиҳои луғавию грамматикӣ ва маъноӣ маҳсуб мешавад. Инчунин, муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни таҳлилу баррасии комил лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахонро ба мардум муаррифӣ намояд. Пажуҳиши ҳамаҷонибаи лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон дар марҳилаи кунунии рушди забоншиносии тоҷик, ки дар замони истиқлоли миллӣ ҷараён дорад, барои анҷом додани чунин навъи таҳқиқот дар лаҳҷаҳои дигари ҳамгурӯҳи он ва соири шеваҳои забони тоҷикӣ заминаҳои назариявиро фароҳам меоварад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон ба сифати проблемаи илмӣ бори нахуст ба таври системавӣ ва ба сурати таҳқиқи диссертатсионӣ бар пояи дастовардҳои забоншиносии муосир таҳлилу таҳқиқ шудааст. Ҳамчунин, бори аввал ин маводи лаҳҷавӣ бо забони адабӣ ва лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ мавриди муқоиса қарор гирифта, ҳудуди интишори калимаҳои марбут ба гӯйишҳои тоҷикони деҳоти водии Вахон ва таъсири омилҳои забонӣ ва фарозабонӣ (экстралингвистӣ) дар таҳаввули диалектологии он муайян карда мешавад. Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ” аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи "Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон" анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи "Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ, ки дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА- 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

1. **Назарзода Сайфиддин** -доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

2. **Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович** – дотсенти кафедраи забонҳои ДДТХ, муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанги ДДТХ

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви комиссияи ташхис Раҳматуллозода С.

Имзои Раҳматуллозода С.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши умумӣ ва масъули
хадамоти кадрӣ Абдуллоев Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илми филология, дотсент,
узви комиссияи ташхис Мирбобоев А.

Имзои Мирбобоев А.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрӣ Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.